## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар шароити имрӯза кафолати таъмини барқароршавии ҳуқуқҳои вайронгардидаи субъектони ҳуқуқи маданӣ бо роҳу усулҳои гуногун истифода карда, истифодаи шартномаҳои кафолатнок низ дар қонунгузорӣ кафолат дода шудааст. Шарномаи эскроу яке аз василаҳои муҳим барои қонеъ намудани талаботи шахсон дар муносибатҳои молумулкӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, моҳияти асосии шартномаи эскроу кафолатнокӣ мебошад.

Масалаҳои татбиқи муқаррароти мазкур асосии автореферати Асадуллозода Абдулазизро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 40 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон – Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, аҳаммияти он бо рушди муносибатҳои молумулки ва танзими он ба таври назаррас баланд мебошад. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории кишвар ва самараноки дар амалишавии муносибатҳои молумулки саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ,

навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба мушаххас намудани мафҳум, хусусиятҳои асосӣ ва моҳияти эскроу дар риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро, такмили истилоҳоти ҳуқуқӣ, муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ пешниҳодҳои амалӣ ва бунёдӣ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки «Шартномаи мазкур бо мақсади таъмини шаффофият ва самаранокии тақсимоти маблағҳои аз ҳисоби фурӯши неруи барқ бадастоянда баста шуда, он имкон медиҳад субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини неруи барқ, ба воситаи кушодани суратҳисоби эскроу маблағҳои аз фурӯши неруи барқ бадастояндаро тибқи тартиби муқарраршуда тақсим намояд».

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси маданӣ ва қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои молумулки истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна вобаста ба масъалаҳои мазкур мувофиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ яке аз мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи сохтмонҳо набудани бастаи пурраи шартномаҳои намунавӣ дар соҳаи сохтмон пешбинӣ карда шудааст. Дар робита ба ин, метавон ворид намудани шартномаи эскроуро низ ба бастаи шартномаҳои намунавӣ амали саривақтӣ ҳисобид. Зерро мақсади асосии шартномаи эскроу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо дар муносибатҳои шартномавӣ ба ҳисоб меравад. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

Чунончӣ, рушди нокифояи муносибатҳои шартномавӣ мушкилоти муқовимат бо коррупсия дар низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ муайян гардида, дар ин замина барои паст кардани сатҳи коррупсия дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ яке аз масъалаҳои ҳалшаванда рушди муносибатҳои шартномавӣ дар низоми соҳибкорӣ муқаррар карда шудааст. Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди 3 муаллиф баён медорад, ки таҳлили қонунгузории маданӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми қатъ шудани шартномаи эскроу пешбинӣ нагардида, танҳо асосҳои ба вуҷуд омадани он муқаррар карда шудааст. Бо дарназардошти омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ метавон чунин мафҳуми қатъ шудани шартномаи эскроуро пешниҳод намуд: «Қатъ шудани шартномаи эскроу асосҳои дар қонунгузорӣ пешбинишудаеро дар назар дорад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои ин шартнома (амонатгузор, агент ва бенефитсиар) амалан қатъ гардида, иҷроиши уҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд намеорад». (саҳ. 11). Муаллиф қайд менамояд, ки қонунгузории маданӣ мафҳуми «Қатъ шудани шартномаи эскроу»-ро пешбинӣ накардааст. Вале набудани таърифи қонунӣ худ аз худ холигии ҳуқуқиро ифода намекунад, зеро тибқи принсипҳои умумии ҳуқуқи шартномавӣ, асосҳо ва оқибатҳои қатъ гардидани уҳдадориҳо дар меъёрҳои умумии қонунгузории маданӣ танзим шудаанд. Аз ин рӯ, зарурати

пешниҳоди таърифи алоҳидаи ҳуқуқӣ барои қатъ шудани шартномаи эскроу ба таври кофӣ асоснок карда нашудааст.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ- тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**«Имзои Олимзода Д.А.-ро тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«27» ____05____ 2026 с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 224-17-86, факс: 372-24-17-86 Почтаи электронӣ: info@apa.tj
Сомонаи интернетӣ: www.apa.tj